**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи доктории Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик**

Зуҳури мактаби бедилпажӯҳӣ дар Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ пайванд мегирад, ки аз солҳои 40-уми асри XX оғоз гардида, тавассути ҷустуҷӯҳои донишмандони дигар бо роҳу шеваҳои гуногун давом ёфтааст. Ҳарчанд дар ин марҳилаи рушди мактабҳои адабиётшиносӣ чанд асари арзишманди илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои зиндагиномаи Бедил, баррасии афкори фалсафиву иҷтимоӣ ва андешаҳои ахлоқии шоир рӯи кор омаданд, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии ашъори суханвар, хоса ғазалиёти ӯ дар заминаи омилҳои шаклгирии он аз густурдаи чашмандози муҳаққиқон то ҷое берун афтода буд. Дар марҳилаи кунунии ташаккули нақд ва адабиётшиносии тоҷик баррасии мероси адабии Мирзо Абдулқодири Бедил, ки солҳо ба унвони шоири печидагӯ ва мубҳамбаён муаррифӣ гардида, осораш дар ҳадде, ки бояд ношинохта монда буд, ба як ҷараёни хоси пажӯҳишӣ дар қаламрави кишварҳои форсизабон ва берун аз он бадал гардид. Хосатан, кӯшишҳои бедилшиноси тоҷик Бобобек Раҳимӣ лозим ба ёдоварист, ки дар заминаи таҳқиқи амиқи зиндагиномаи шоир, тавсифи куллии осори Бедил ва нусхаҳои он дар китобхонаҳои олам, шарҳу тафсири теъдоди муайяни ғазалиёти суханвар дар сурати чандин китобу мақолаҳои ҷудогона муҷассам гардидаанд.

Муҳаққиқ ва адабиётшинос Нуралӣ Нуров низ бештар аз бист сол аст, ки ба таҳқиқу баррасии вежагиҳои ҳунариву мавзӯии ашъори Бедил иштиғол дорад, ки ҳамакнун маҳсули ҳамин ковишу ҷустуҷӯҳои бисёрсолаи ӯ анҷоми рисолаи докторӣ тахти унвони “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” маҳсуб мешавад. Рисола аз

муқаддима, панҷ боб, бист фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфтааст. Таснифоти мудаққиқонаи фаслу бобҳои рисола ва ҷойгузинии матлабҳои меҳварии тадқиқот дар онҳо паём аз он мерасонад, ки Н.Нуров бо такя ба мутолиоти густарда ва андешаҳои моҳиятҷӯ андар ҷаҳони пуршебу фарози ғоявӣ ва ақидатии шоир, шинохти ҷойгоҳи ӯ дар ташаккули навъи ғазал, навовариву тозакориҳои ҳунарии Бедил, сабк ва шеваҳои хоси нигориши суханвар ва дигар масоили марбут ба таъйини арзишҳои ҳунарии ғазал ба хулосаҳои наву ҷолиби илмӣ даст ёфта, дар сатҳи муносиби ҳирфаӣ ба ҳаллу фасли ҳадафҳои пешгузоштаи худ комёб гардидааст. Сохтори рисола худ гувоҳ аст, ки муаллиф аз оғоз он масъалаҳои мубрамеро ба таҳқиқ кашида, ки аслҳои бунёдии тадқиқотро аз чанд ҷиҳат ва бо мантиқи қавии илмӣ равшан менамояд. Аз ин рӯ, унвонҷӯ аз такрори матолиби тадқиқотии донишмандони дигар, аз ҷумла баҳсу баррасиҳои марбут ба зиндагинома ва шарҳу тафсири осори шоирро фуругӯзор намуда, дар доираи бобу фаслҳои рисола ба масоили хосаи марбут ба таҳқиқи вежагиҳои ҳунариву маъноии ғазал, мазмунофариниҳои шоирона, таҷаддуд ва созмони дохилии ғазал таваҷҷуҳи хос мабзул медорад, ки ҳамагӣ тозакориҳои шоир дар роҳи таҳаввули жанрии ин навъи шеърӣ падид овардаанд.

Муаллиф дар дарозои тадқиқоти чандсола теъдоди фаровони нусхаҳои хаттии Девони Бедил ва шуруҳи онро аз китобхонаҳои кишварҳои Ҳинд, Покистон, Миср, Эрон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фароҳам оварда, дар ҷараёни баррасиҳои илмӣ, пеш аз ҳама, дар заминаи муқобалаву қиёси нусхаҳо шаклҳои саҳеҳи абётро барқарор ва шарҳу тафсир намуда, дар ин замина ба таҳлили вежагиҳои ғазалиёти Бедил пардохтааст. Аз сатҳу салиқаи баррасиҳои илмӣ, феҳристи адабиёти мавриди истифода ва корбандии он маълум аст, ки унвонҷӯ ба муҳимтарин тадқиқоти роҷеъ ба Бедил дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ тасаллут дорад ва ҳамин доираи фарохи мутолиа ва корбурди

диду назарҳои гуногуни донишварони бедилпажӯҳ имконият додааст, ки бар пояи таҳлил ва таснифу муқобалаи ағлаби ин тадқиқот ҷуғрофиёи шинохти Бедилро дар асри имрӯз муқаррар ва таъйид намуда, дастовардҳо ва дарёфтҳои навини онро муайян созад. Аз сӯи дигар, дар ҳар фаслу бобҳои рисола вобаста ба матолиби таҳқиқ ҳамвора бо таъйини вежагиҳо ва тамоюли хоси пажӯҳиши марбут ба мавзӯъ муҳаққиқ мулоҳизоти хешро ироа дошта, дар бархе маворид бо муаллифони мавриди назар мабоҳисе низ ороста, ки ба истиқлоли диду дарёфтҳои Н.Нуров ишорат дорад.

Решашиносии поэтикаи ғазалиёти Бедил ва таҳлили муфассали таъсирпазирии он аз поэтикаи қадими ҳиндӣ, ки равиши тозае мебошад, бо далелҳои ҷолиб ва муътамад сурат гирифтааст. Муаллиф бар мабнои сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, нақду баррасиҳои тарҷумаҳои осори балоғии ҳиндӣ нақши онро дар таҳаввули афкори адабии Бедил мушаххас намуда, сабабу заминаҳои нуфузи ибҳом ва печидагӯӣ дар каломи шоир, таҳаввули бархе аз аносири сабкӣ, корбурди баъзе аз авзони нодирро, ки дар шеъри гузаштаи тоҷикӣ камтар мавриди истифода будааст, дар пайванд ба ҳамин истиқболи ӯ аз поэтикаи куҳани ҳиндӣ мустанад гардонидааст.

Н.Нуров дар тадқиқоти хеш аз чандин равишҳои судманди тадқиқи осори адабӣ, аз ҷумла, шеваи сохторшиносиву маънигузорӣ, тасҳеҳ ва шарҳу тафсири матн, ки дар адабиётшиносии муосир бо номи герменевтика маъруфият дорад, муваффақона истифода намуда, аз ин роҳ дар таъйини арзишҳои адабии ғазалиёти Бедил, кашфи маъниҳои нодири маҳфуз дар таркиби калимаву таъбирҳои тозаву худсохти шоир андешаву хулосаҳои нав ирбоз доштааст. Хоса, мулоҳизоти муаллифи рисола роҷеъ ба вежагиҳои тасвирофаринӣ ва тасвирсозӣ, тасвири табиат дар Девони Бедил бар асоси шарҳу тафсири як ғазал имкон додааст, ки муҳаққиқ бо истифода аз тозатарин равишҳои шарҳу

тафсири матн ҳунари шоирии суханварро дар эҷоди тасвирҳои нобу нодир дар таркиби навъи ғазал ба намоиш гузошта, муқаррар созад, ки Бедил тавассути чунин ибтикори ҳунарии хеш дар қаламрави шеъри форсӣ муваффақ ба эҷоди тарҳи нави ғазале гардида, ки онро метавон ғазали тасвирӣ унвон намуд. Ҳамзамон, баҳсу баррасии муфассале роҷеъ ба тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил низ фурсат ва маҷоле фароҳам оварда, ки баробари руҷӯъ ба сайри таърихии ин навъ тасвирҳо, мафҳумҳои муодили он дар андешаҳои балоғии мутафаккирони гузашта, нақш ва мақоми Абулмаонӣ дар таҳаввули тасвирҳои мутаноқизнамо ва табдили он ба як вежагии муҳими ҳунарии шеъри сабки ҳиндӣ муайян карда шавад.

Мафҳуми поэтикаи забони шеър бар асоси ибтикороти ҳунарии Бедил дар заминаи мазмунсозӣ, маъниофаринӣ, ибораоройӣ, калимоти мураккаб, баҳрагирӣ аз забону фарҳанги мардумӣ ба сифати масоили умдаи тадқиқот ба таври муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин самт низ унвонҷӯ хатти пайванди таъсири аносири поэтикаи ҳиндиро дар таҳаввулоти ҷанбаҳои забонии шеъри Бедил дарёфта, бар ин асос маҷмӯи навангезиҳои ҳунарии суханварро дар тарҳи “забони бедилӣ” ва эҷоди “мактаби бедилӣ” шарҳу тафсир кардааст. Муҳаққиқ ҷиҳати мушаххас ва мустанад ҷараён гирифтани мабоҳиси марбут ба таҳаввулоти забонӣ дар ғазал дар мисоли шеваҳои шоиронаи корбурди вожаи **нафас** мулоҳиза ва хулосаҳои хешро тавассути тавзеҳ ва маънигузории таркиб ва вожагони худсохти шоир бо ин калима ба миён гузоштааст, ки аз шеваҳои тозаву марғуб ва ояндадори нақд ва адабиётшиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи таҳлили муфассали таъсири поэтикии ашъори суханварони гузашта ба сурудаҳои Бедил муҳаққиқ ба хулосае расида, ки ин шоири соҳибсабк бо баҳрагирӣ аз муҳимтарин суннатҳои шеъри гузаштагон вежагиҳои ҳунарии каломи хешро такомул бахшида, бад-ин

васила дар таҳаввули ҷанбаҳои ҳунариву мавзӯии ғазал нақши бориз гузоштааст. Пайваста бо шинохт ва ба намоиш гузоштани падидаҳои халлоқияти ҳунарии Бедил дар таҳаввули навъи ғазал заминаҳои ташаккули мактаби пайравони шоир бо таваҷҷуҳ ба таъсири ҷанбаҳои поэтикии он дар адабиёти асри нуздаҳи тоҷик дар Фароруд ба таҳқиқ гирифта шуда, шеваҳои шоиронаи истиқболи суннатҳои адабии Абулмаонӣ аз ҷониби пайравони вай дар ин ҳавза, аз ҷумла Нақибхон Туғрал, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Парии Ҳисорӣ ва дигарон шарҳу баст ёфтааст. Афзун бар ин, бо баррасии маҷмӯи ҷараёнҳои шеърии асри нуздаҳ дар ҳавзаҳои мухталифи шеъри форсӣ, аз ҷумла эҷоди ҷараёни бозгашти адабӣ дар қаламрави Эрон ва қисман дар Мовароуннаҳр муҳаққиқ зимни таҳлили ашъори яке аз пешкисватони ин мактаб Сабоҳии Бедгулӣ ба хулосае расида, ки ҳарчанд ин суханварон ба эҷоди ҷараёне бо ҳадафи бозгаштан аз тариқи шеъри Бедил кӯшидаанд, бо ин ҳама натавонистаанд аз таъсири сабки сухани Абулмаъонӣ раҳоӣ ёбанд.

Бо камоли итминон метавон гуфт, ки рисолаи доктории Нуралӣ Нуров дар мавзӯи “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” таҳқиқоти тозае дар бедилшиносӣ маҳсуб ёфта, тамоюлҳои наверо дар шинохти шеваи суханварӣ ва вежагиҳои ҳунарии каломи ин шоири соҳибмактаб вазъ намудааст. Ба таври алоҳида бояд зикр намуд, ки муаллиф аз оғоз то анҷоми рисола ҷодаи ибтикорро паймуда, на шеваи тақлидро. Аз сабки тафаккур, равиши таҳқиқ ва сатҳи хулосабандиҳои муаллиф мутолиоти жарфу густардаи ӯ дар осори Абдулқодири Бедил ва мактабҳои маъруфи адабиётшиносии Шарқу Ғарб равшан падидор аст, ки арзиши рисолаи мазкурро ба маротиб афзудааст. Ин аст, ки Нуралӣ Нуров дар рисолаи доктории “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” пайваста бо ҳар яке аз масоили бунёдии мавриди тадқиқ масъалаҳоеро пеш мегузорад, ки имкон дорад дар оянда дар заминаи

онҳо тадқиқоти ҷудогонае ба сомон расонида шавад. Рисола кори анҷомёфта буда, мутобиқ бар талаботи таълифи рисолаҳои докторӣ ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қалам омадааст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Салимӣ Носирҷон Юсуфзода
Мушовири илмӣ, академики АИ ҶТ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор

Имзои
Салимӣ Носирҷон Юсуфзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии
АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Ирагимова Зулайхо